Ҳадафи тадқиқот – таҳияи амсилаҳо, усулҳо ва алгоритмҳое мебошад, ки барои эҷоду таҳияи низомҳои иттилоотии коркарди худкори иттилоот бо забони тоҷикӣ барои истифодаи минбаъдаи онҳо дар низомҳои идоракунии инсону мошин дар муколамаи табиии забонӣ имкон медиҳанд.

Вазифаҳои тадқиқот. Барои ноил шудан ба мақсади зикршуда дар доираи рисолаи диссертатсионӣ вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- таҳияи методология ва консепсияи назариявии коркарди худкори иттилооти матнӣ бо забони тоҷикӣ ҳамчун объекти тадқиқоти илмӣ барои муайян кардани мафҳумҳо ва истилоҳоти назариявӣ дар забоншиносии компютерӣ;

- таҳияи усулҳои ҷустуҷӯи иттилооти матнӣ барои таҳлили маълумоти озмоишӣ ва истифодаи он дар тадқиқоти илмӣ-амалӣ, луғатҳои электронӣ ва тезаурусҳои компютерӣ бо забони тоҷикӣ;

- таҳияи амсилаи пешниҳоди иттилооти матнӣ ва муҷтамеи алгоритмҳои амалисозии синтези худкори нутқ бо забони тоҷикӣ;

-таҳияи усулҳои истихроҷ, пешниҳод ва коркарди маълумот бо мақсади ташаккули унсурҳои инфиродии матн барои амалигардонии тафтиши худкори имлои матн дар забони тоҷикӣ;

- таҳияи амсилаҳо, усулҳо ва алгоритмҳои коркарди пешакии додаҳо барои ҳалли масъалаи тарҷумаи худкори матн аз забони тоҷикӣ ба русӣ;

- таҳияи муҷтамеи барномавӣ барои татбиқи ҳамаи усулҳо, амсилаҳо ва алгоритмҳои коркарди иттилоот бо забони тоҷикӣ;

- гузаронидани тадқиқоти озмоишии самаранокии низомҳои коркарди худкори иттилоот.

Объекти тадқиқот амсиласозии компютерии равандҳои ҳисоббарорӣ ва тарҳрезии нармафзор барои низоми коркарди худкори иттилоот бо забони тоҷикӣ мебошад.

Мавзӯи тадқиқот – усулҳо, амсилаҳо ва алгоритмҳои коркарди иттилоот бо забони тоҷикӣ барои тарҳрезӣ ва татбиқи луғатҳои электронӣ, синтези нутқ, тафтиши худкори имло ва тарҷумаи компютерӣ мебошад.

Соҳаи тадқиқот – таҳияи амсилаҳо, асосноккунӣ ва санҷиши усулҳои самараноки ададӣ бо истифода аз МЭҲ; истифода кардани усулҳои самарабахши ададӣ ва алгоритмҳо дар шакли муҷтамеи барномаҳои ба масъалаҳои ҳалталаб самтгузоришуда бо мақсади гузарондани озмоишҳои ҳисоббарорӣ; тадқиқоти бисёрҷонибаи мушкилоти ҳалталаби илмӣ-техникӣ бо истифода аз технологияи муосири амсиласозии математикӣ ва санҷиши ҳисоббарорӣ.

Эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳои пешниҳодшуда дар кори диссертатсия бо пешниҳоди амсилаҳои математикии элементҳои маълумоти матнӣ бо мақсади коркарди минбаъдаи онҳо асоснок карда мешаванд. Дар навбати худ, самаранокии низомҳои худкор ва модулҳои компютерии тарҳрезишуда бо интихоби дурусти додаҳои ибтидоӣ ва интихоби сарчашмаҳои маълумоти матнӣ дар вазифагузории ташаккул ва таҳияи воситаҳои математикӣ ва компютерӣ, татбиқи онҳо дар раванди коркарди худкори маълумот бо забони тоҷикӣ тасдиқ карда мешавад. Дар диссертатсия натиҷаҳои қаблан гирифтаи дигар олимон истифода мешаванд, ки бо истинодҳо қайд карда шудаанд.

Усулҳои тадқиқот. Барои ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда усулҳои таҳлили низомманд, омори математикӣ, асосҳои пешниҳод ва коркарди муҷтамеи додаҳо, инчунин назарияи алгоритмҳо, лингвистикаи математикӣ ва компютерӣ, синтези маълумот, амсиласозии компютерии низомҳои худкори иттилоотӣ, технологияҳои барномасозӣ ва коркарди маълумот истифода шуданд.

Навгонии илмии тадқиқот. Дар натиҷаи кори илмӣ-тадқиқотӣ ва таҳияи низомҳои худкор як қатор равишҳои методии таҳқиқ, таҳлил ва коркарди худкори иттилооти матнӣ бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст:

- муқаррароти нави илмӣ-техникӣ, амсилаҳои математикӣ, усулҳо ва сохторҳои маълумот пешниҳод карда шудаанд, ки дар маҷмӯъ заминаи назариявии таҳлили низомманд ва таҳқиқи иттилооти матниро ташкил медиҳанд;

- усулҳо ва алгоритмҳои лоиҳакашии амалӣ, сохторӣ ва ба объект нигаронидашудаи низомҳои коркарди худкори иттилоот бори аввал таҳия карда шуданд;

- усулҳои нави эҷоди нармафзор барои синтези худкори нутқ бо забони тоҷикӣ, низоми худкори тафтиши имло TajSpell дар бастаи нармафзори Microsoft Office пешниҳод шудааст; модулҳои нармафзор барои тарҷумаи худкори матн аз забони тоҷикӣ ба забонҳои русӣ ва англисӣ дар шакли замимаи интернетӣ дар суроғаи tarjumon.tajlingvo.tj. дастрас аст;

- дар асоси усулҳо, амсилаҳо ва сохторҳои маълумоти таҳияшуда, алгоритмҳои нави тарҷумаи мошинӣ, корпуси мувозии компютерӣ Tajik-Russian-

Parallel Corpus и Tajik-English-Parallel Corpus дар шакли веб-замимаҳо, инчунин модулҳои нармафзор барои тарҷумаи худкори матн аз забони тоҷикӣ ба забонҳои русӣ ва англисӣ пешниҳод карда шуд;

- амсилаҳои нав, усулҳои синтези нутқ ва барномаҳои компютерӣ Computer Tajik Text Narrator, Tajik Text-to-Speech, ки самаранокии истифодаи амалии ТИК-ро барои ҳаллу фасли масъалаҳои муосири забоншиносӣ ва технологияҳои нутқ дар забони тоҷикӣ афзун мегардонад.

Ҳамаи натиҷаҳои бадастомада дар муҷтамеи нармафзори TajLINGVO татбиқ карда мешаванд, ки он имкон медиҳад:

- мӯҳлати омӯзиши забони тоҷикӣ ҳам барои истифодабарандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам корбарон дар хориҷа ба таври назаррас кам гардад;

- сатҳи асоснокии тасмимҳои оиди забоншиносии компютерӣ ва мушкилоти ҳалталаби забони тоҷикӣ қабулшуда баланд гардад;

- ташаккул ва истифодаи мундариҷаи саҳеҳу дурусти забони тоҷикиро дар интернет таъмин намояд.

Аҳамияти назариявии тадқиқот дар он аст, ки дар он намунаҳо, усулҳо ва алгоритмҳои коркарди унсурҳои матн ва сигналҳои садоӣ бо забони табиӣ оварда шудаанд, ки ба омӯзиши забони тоҷикӣ мусоидат менамоянд.

Дар асоси дар ҷараёни гузаронидани тадқиқот ва додаҳои ба даст оварда, китобҳои дарсӣ бо Қарори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фанҳои «Балоиҳагирии низомҳои иттилоотӣ», «Манбаи додаҳо», «Амалияи барномарезӣ», «Масъалаҳо барои омӯзиши барномасозӣ» ба чоп дода шудаанд, ки дар раванди таълими бакалаврони самти таъмини барномавии технологияи иттилоотӣ истифода карда мешаванд.

Арзиши амалии тадқиқот. Дар давраи солҳои ахир низомҳои худкор ва замимаҳои нав дар муҷтамеи нармафзори TajLINGVO озмуда, такмил ва татбиқ карда шуданд. Аҳамият ва арзиши амалии муқаррароти асосии тадқиқотро таҷрибаи эҷоди нармафзор барои татбиқи луғатҳои электронӣ, тезауруси электронӣ, синтези худкори нутқ, тафтиши имло ва тарҷумаи худкор тасдиқ мекунад. Натиҷаҳои асосии тадқиқот дар Маркази илми шаҳри Хуҷанди АМИТ, дар Идораи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии вилояти Суғд дар мавриди истифода қарор дода шудаанд, татбиқи амалӣ дар МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, дар кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи ҳуқуқ, биснез ва сиёсати Тоҷикистон, дар донишкадаи политехникии донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар раванди таълим васеъ истифода карда мешаванд, инчунин маҷмӯи барномаҳои TajSpell дар раванди ҳуҷҷатгузорӣ дар ҶСП «Душанбе Сити Банк» ворид карда шуданд. Натиҷаҳои бадастомада ва таҷрибаи андӯхташудаи таҳияи низомҳои худкор на танҳо мӯҳлати омӯзиши забони тоҷикиро барои корбарони компютерҳо дар Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои синтез, имло ва тарҷумаи нутқ ба таври назаррас кам мекунад, балки ба корбарони хориҷӣ заминаи методии омӯхтани забони тоҷикиро фароҳам меорад.

Амсилаҳо, алгоритмҳо ва нармафзорҳое, ки дар доираи тадқиқоти диссертатсионӣ таҳия шудаанд, имкон медиҳанд, ки мундариҷаи тоҷикӣ барои тадқиқот ва истифодаи амалии ҳамарӯза истифода гардад.

Муқаррароте, ки барои дифоъ пешниҳод карда мешавад:

1. Мафҳуми коркарди худкори иттилооти матнӣ бо забони тоҷикӣ ҳамчун объекти тадқиқоти илмӣ ва воситаҳои нармафзор барои таҳлили низомманд пешниҳод гардида, дар асоси онҳо мафҳумҳо ва истилоҳоти назариявӣ муайян карда шуданд.

2. Равиши илмӣ-амалии таҳияи луғатҳои электронӣ ва тезаурусҳои компютерӣ пешниҳод гардида, санҷида шуданд, ки дар доираи он намунаҳои ҳаллу фасли масъалаҳои ҷустуҷӯ ва усулҳои истифодаи намунаҳои зикршуда дар раванди татбиқи луғатҳои компютерӣ ташаккул дода шуданд.

3. Бори аввал равиши синтези худкори нутқ бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст, ки дар заминаи усули пайвандкунии ҳиҷоҳо асос ёфтааст. Ҳамзамон дар забони тоҷикӣ тамоми сохторҳои имконпазири ҳиҷо ва таркиби ҳиҷоии вожаҳо ба даст оварда шуданд. Нармафзори синтези худкори нутқ дар асоси алгоритмҳои худӣ ва пойгоҳи додаҳои “ҳиҷо-садо” таҳия шудааст. Дар натиҷаи синтези нутқ дар асоси иттилооти матнии пешниҳодшуда дар шакли файли овозии рақамӣ, мавҷи садоии пурраи овозӣ ташкил карда мешавад.

4. Усулҳои нави истихроҷ, пешниҳод ва коркарди додаҳое, ки унсурҳои алоҳидаи матнро ташкил медиҳанд, таҳия шуда, тарзи нави ҳалли масъалаи имлои худкори матн дар забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.

5. Бори аввал масъалаи аз забони тоҷикӣ ба забони русӣ ба таври худкор тарҷума кардани матн мавриди таҳқиқ қарор гашта, амсилаҳо, усулҳо ва алгоритмҳое таҳия карда шуданд, ки барои ҳалли самараноки масъалаҳои амалӣ имкон медиҳанд.

6. Истифодаи муштараки таҳлили низомманд, равиши сохторӣ нисбати коркарди додаҳо, барномасозӣ ба объект нигаронидашуда ва забоншиносии компютерӣ барои таҳияи низомҳои коркарди худкори иттилооти матнӣ ба забони тоҷикӣ таҳқиқ карда шуд.

7. Барои татбиқи ҳамаи низомҳои худкори пешниҳодшуда маҷмӯи барномаҳои компютерии TajLINGVO тартиб дода шуда, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон озмоиши таҷрибавии он гузаронида шуд.

Ҳама натиҷаҳо ва муқаррароти рисолаи ба ҳимоя пешниҳодшуда аз ҷониби муаллиф ё бо иштироки бевоситаи ӯ ба даст оварда шуда, моҳиятан нав буда, дар матбуоти кушод пурра дастрасанд. Муҷтамеи нармафзори TajLINGVO дар Маркази миллии патентии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст ва лоиҳаҳои таҳиякардаи муаллифӣ ҳамто надоранд. Рӯйхати онҳо дар сомонаи www.tajlingvo.tj дастрас аст.

Мутобиқати рисола ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Рисола аз рӯи ихтисоси 05.13.11 – «Таъминоти нармафзори математикӣ ва барномавӣ барои компютерҳо, муҷтамеъ ва шабакаҳои компютерӣ» анҷом дода шудааст. Тадқиқот натиҷаҳои комилан беназирро фаро гирифтааст, ки ба чунин соҳаҳо, чун амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва муҷтамеи нармафзор мувофиқ ба банди 1 - амсилаҳо, усулҳо ва алгоритмҳои тарҳрезӣ ва таҳлили барномаҳо ва муҷтамеи нармафзор, табдилдиҳии муодилаи онҳо, тасдиқ ва озмоиш; 3 - амсилаҳо, усулҳо, алгоритмҳо, забонҳо ва васоити нармафзор барои ташкили ҳамкории нармафзор ва низомҳои нармафзор; 4 - низомҳои идоракунии додаҳо ва донишҳо; 5 - низомҳои нармафзор барои ҳисоббарории рамзӣ; 7 - интерфейсҳои инсонӣ ва мошинӣ; амсилаҳо, усулҳо, алгоритмҳо ва нармафзор

барои графикаи компютерӣ, визуализатсия, коркарди тасвирҳо, низомҳои воқеияти хаёлӣ, муошират бисёрраасонаии шиносномаи ихтисос мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии унвонҷӯ аз он иборат аст, ки гузориши масъала, амалӣ кардани онҳо, усулҳо, амсилаҳо ва алгоритмҳои коркарди иттилоот, ки ба забони тоҷикӣ тавсиф шудаанд ва дар рисола ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, аз ҷониби ӯ мустақилона ва бо роҳбарии бевоситаи ӯ анҷом дода шудаанд.

Сатҳи эътимоднокии натиҷаҳо бо санадҳои дахлдор оид ба татбиқи амалӣ ва ба кор истифода додани низомҳои иттилоотӣ, ҳуҷҷатҳо дар бораи додани рақами бақайдгирии давлатии маҳсулоти зеҳнӣ ва захираҳои иттилоотӣ дар Маркази миллии патентии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқи худро ёфтаанд. Эътимоднокии натиҷаҳоро инчунин эътирофи хизматҳои муаллиф дар ин соҳаи илм аз ҷониби ташкилоту муассисаҳои гуногуни ҷумҳурӣ собит месозад. Аз ҷумла, мукофоти ба номи академик С. Умаров дар соҳаи илмҳои физикаю математика, кимиё, геология ва техникии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015; Ҷоизаи давлатӣ барои олимон ва омӯзгорони фанҳои табиӣ, дақиқ ва математика, 2021; дипломи дараҷаи сеюми озмуни ҷумҳуриявии «Илм - ҷилои шукуфоӣ», номинатсияи инноватсия ва навгонӣ, 2021; Ифтихорнома ва медали «100 Чеҳраи нав»-и кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, 2022.

Тасдиқ ва татбиқи натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои асосии рисола дар семинарҳои илмии ДПДТТХ ба номи академик М.С. Осимӣ, инчунин дар конфронсу семинарҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ: конфронси байналмилалӣ «Масъалаҳои муосири математика», бахшида ба 50-солагии Донишкадаи математикаи ба номи А.Ҷӯраев АМИТ, (26-27 майи соли 2023), Душанбе; Конфронси илмӣ-амалии умумирусиягӣ бо иштироки намояндагони байналмилалӣ дар мавзӯи «Мубодилаи иттилоот дар тадқиқотҳои байнисоҳавӣ II», (14 апрели 2023 с.), Академияи ҳуқуқ ва идоракунии Хадамоти федеролии иҷрои ҷазои Россия, ш. Рязан, Федератсияи Россия; конфронси байналмилалии илмӣ-амалии «Дастовардҳои нав дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ ва технологияҳои иттилоотӣ», Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон, (30 майи 2023), Душанбе; Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ дар мавзӯи «Забони модарӣ - сарчашмаи худшиносӣ ва маънавиёти миллӣ», Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, (16 феврал, 2023с.), Душанбе; Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Татбиқи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар саноатикунонии кишвар», Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (29 октябри 2022 с.), Душанбе; Конфронси ҷумҳуриявии “Низомҳои амалии иттилоотӣ: мушкилоти амсиласозӣ, воридсозӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ”, ДПХДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ (2012 с., 2017 с., .2022 с.) ш. Хуҷанд; конфронси байналмилалии илмӣ-амалии “Илм ва технологияҳо” (26 сентябри 2022 сол), Алмаато Ҷумҳурии Қазоқистон; конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Мушкилоти мубрами забоншиносӣ ва лингводидактика дар шароити муосир”, филиали ДДМ ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе (29 октябри 2022 с.), ш. Душанбе; Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Масъалаҳои мубрами тарҷума ва забоншиносӣ дар замони

муосир», Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, (2019), Душанбе; семинари ҳарсолаи илмӣ-амалии «Технологияҳои нави иттилоотӣ дар низомҳои худкор», Донишкадаи математикаи амалии ба номи М.В. Келдиш АИР, (аз соли 2013 то соли 2019), Москва, Федератсияи Россия; Конфронси илмӣ-амалии омӯзгорон, муҳаққиқони ҷавон бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ДПХДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ, (2019), Хуҷанд; конфронси илмӣ-амалии минтақавӣ бахшида ба 90-солагии устод Темурхон Мақсудов, Филиали ДТТ дар шаҳри Исфара, (2018), Исфара; конфронси илмӣ-амалии «Татбиқи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ барои рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, (2017 с.), Душанбе; Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ДПХДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ, (20.09.2016с.), Хуҷанд; конфронси сеюми илмӣ-техникии байналмилалии «Технологияҳои семантикии кушодаи тарҳрезии низомҳои зеҳнӣ», Донишгоҳи давлатии информатика ва радиоэлектроникаи Беларус - OSTIS-2013, (21-23 феврали 2013с.), Минск, Ҷумҳурии Беларус дар шакли маърӯзаҳо пешниҳод шудаанд.

Таълифот оиди мавзӯи рисола. Дар заминаи маводи тадқиқоти диссертатсионӣ 68 таълифот ба чоп расидааст, аз ҷумла 25 (11 бе ҳаммуаллифӣ), аз ҷумла дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия, 27 мақола дар маҷмӯаҳои байналмилалии мақолаҳо ва маҷаллаҳо, 7 китоби дарсӣ таҳти мӯҳри Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз ҷониби муаллиф дар Маркази патентӣ-иттилоотии назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии захираҳои иттилоотӣ ва маҳсули зеҳнӣ гирифта шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми рисола. Тадқиқоти диссертатсия аз 328 саҳифаи чопи компютерӣ, муқаддима, 6 боб, 19 ҷадвал, 15 расм, феҳрасти адабиёт бо 322 номгӯй ва 2 замима иборат аст.

Сипосгузорӣ. Муаллиф ба мушовири илмии худ, академики АМИТ, доктори илмҳои физика ва математика, профессор Зафар Ҷӯраевич Усмонов барои маслиҳатҳои муфид ва дастурҳои нек дар таҳияи кори илмии пешниҳодшуда миннатдориву сипоси самимӣ баён мекунад.

Вожаҳои калидӣ: забони тоҷикӣ, синтези нутқ, унсурҳои матн, басомади дучоршавӣ, луғати электронӣ, тезауруси компютерӣ, забоншиносии компютерӣ, коркарди худкори матн, санҷиши худкори имло, транслитератсия, тарҷумаи мошинӣ, усули оморӣ, тасниф, кластерсозӣ, омори математикӣ, назарияи эҳтимолият, усулҳои ададӣ, амсиласозии математикӣ, тарҳрезии низомҳои иттилоотӣ, додаи маълумотҳо, амсиласозии компютерӣ, технологияи барномасозӣ.

МУНДАРИҶАИ АСОСИИ КОР

Дар муқаддима мубрамият мавзӯи интихобшуда таъкид шуда, ҳадаф ва вазифаҳои асосии он асоснок карда шудаанд, аҳамияти илмӣ ва амалии тадқиқот нишон дода шудааст. Мундариҷаи мухтасари рисола баён карда шудааст.

Дар **боби якум «Забоншиносии компютерии забони тоҷикӣ»** масъалаҳое, ки бо муайян кардани хусусиятҳои асосии тарҳрезӣ ва мушкилоти ҳалталаби татбиқи низомҳои коркарди иттилоот ба забони тоҷикӣ алоқаманданд, баррасӣ карда мешаванд.

Дар **фасли 1.1** маълумоти умумӣ дар бораи истифодаи густурдаи васоити технологияҳои компютерӣ дар корхонаҳо ва муассисаҳои Тоҷикистон, дар бораи мушкилоти истифодаи забони тоҷикӣ дар раванди коргузорӣ дар асоси имкониятҳои муосири ТИК ва зиёдшавии таваҷҷӯҳи муҳаққиқон ба соҳаи мазкури илм, дар бораи таъсиси мактаби илмии забоншиносии компютерӣ ва математикӣ аз ҷониби академики АМИТ, профессор З.Д. Усмонов, дар бораи натиҷаҳои кори олимони ҷавони боистеъдоди ин мактаб маълумот оварда шудааст.

Дар **фасли 1.2** тавсифи натиҷаҳои таҳқиқот дар самти забоншиносии компютерии забони тоҷикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастовардҳои муштараки олимони тоҷик дар соҳаи математика, технологияҳои иттилоотӣ ва забоншиносӣ пешниҳод шудааст.

Дар **фасли 1.3** амсилаи математикӣ муайян карда шудааст, ки дар заминаи он низомҳои иттилоотии коркарди худкори додаҳо бо забони тоҷикӣ тарҳрезӣ шудаанд.

Амсилаи тарҳрезишудаи низоми TajLINGVO аз маҷмӯи технологияҳои иттилоотӣ, равандҳо, алгоритмҳо, маҷмӯи унсурҳои матнӣ, интерфейсҳо ва маҷмӯи натиҷаҳое, ки барои ташаккули тасвири рақамӣ заруранд, иборат аст. Онҳоро ба таври зерин тавсиф кардан мумкин аст:

$$TajLINGVO = \{T, P, A, TE, I, R\} \quad (1)$$

ки дар ин ҷо,

T - маҷмӯи технологияҳои иттилоотӣ;

P - маҷмӯи равандҳо дар TajLINGVO, P_i, i=1…n;

A - маҷмӯи алгоритмҳои Aj, j=1...m барои амалисозии равандҳои {Pi};

TE - маҷмӯи унсурҳои иттилооти матнӣ, ки барои коркард бо истифода аз алгоритмҳои {Aj} дар равандҳои {Pi} интиқол дода мешаванд;

I - интерфейсҳои корбар барои ворид, коркард ва соқит кардани маълумот;

R - натиҷаҳо барои интиқол ба коркард дар равандҳои {Pi}.

Дар ҷараёни таҳияи сохтори мантиқии низомҳои иттилоотӣ он ба усулҳои мушаххаси нармафзор такя мекунад. Ба ин усулҳо ва воситаҳои муосир мусоидат мекунанд, ки ба таҳиягарон имкон медиҳанд, ки низомҳоро аз аввал то ба охир амсила созанд. Ба чунин восита, масалан, Structured Analysis and Design Technique (SADT) - технологияи таҳлил ва тарҳрезии сохторшуда, методологияи муҳандисии таҳия ва муайянкунии низомҳоро дар шакли табақабандии афзуншавандаи зернизомҳо дохил кардан мумкин аст.

Сохтори низоми TajLINGVO, ки тибқи методологияи SADT пешниҳод шудааст, аз чор зернизом иборат буда, маҷмӯи захираҳои иттилоотӣ, алгоритмҳо ва нармафзор мебошад, ки равандҳои КХМ ва интерфейсҳои корбаронро идора мекунанд. Муштарак зернизомҳо муҷтамеи алгоритмҳоро барои коркарди худкори маълумоти сарчашмаҳои пешниҳодшуда амалӣ мекунанд. Натиҷаҳои коркард маҷмӯи унсурҳои матниро дар асоси сохторҳои семантикӣ ташаккул

медиҳанд, ки онҳо ба манбаи маълумот сабт шуда, ба интерфейси корбар дохил карда мешаванд.

Зернизоми *«Таъмин бо захираи иттилоотӣ»* ташаккули захираи лингвистии матнҳоро дар асоси намунаи репрезентативӣ бо назардошти маълумоти сохторҳои забонӣ ва матнӣ таъмин менамояд. Зернизом аз ҷузъҳои зерин: манбаъҳои иттилооти матнӣ, манбаъҳои гуногуни маълумот, масалан, луғатҳои электронӣ, сохтори пешниҳодшудаи унсурҳои матнӣ, ки дар натиҷаи амалисозии раванди муайяни КХМ мебошанд.

Зернизоми *“Алгоритмҳо ва васоити нармафзор”* маҷмӯи алгоритмҳое мебошад, ки дар шакли модулҳои барномавӣ, вазифаҳо ва тартиби коркарди сохтори унсурҳои матнӣ истифода мешаванд. Воситаҳои барномавӣ ба корбар имкон медиҳанд, ки раванди КХМ-ро назорат кунад.

Зернизоми *“Идоракунии равандҳои КХМ”* омодагии пешакии натиҷаҳои коркарди маълумоти воридшударо ифода мекунад. Инчунин тартиби назорат ва тафтиши натиҷаҳо барои қабули қарор аз ҷониби корбар мавҷуд аст. Агар натиҷаҳо арзишҳои гуногунро ифода кунанд, имкони коркарди дубораи маълумот пешкаш мешавад.

Зернизоми *“Интерфейси корбарӣ”* имкони ҷустуҷӯ, пешниҳод ва интихоби маълумот ва сабти натиҷаҳоро ба манбаи додаҳо пешниҳод мекунад. Инчунин, барои ҳамаҷонибаи аз назар гузаронидани натиҷаҳо ба корбар имконият дода мешавад, ки фарзияҳои графикии ҳисоботҳоро дар намуди ҷадвалҳо, нуқтаҳо, диаграммаҳо ва гистограммаҳо гиранд.

Барои таҳия намудани амсилаи низоми компютерии TajLINGVO дар заминаи сохтори мантиқии ҳосилшуда амсилаи низомманд, амсилаи равандҳои иттилоотии Р ва васоити нармафзоре, ки маҷмӯи алгоритмҳои А-ро амалӣ месозад, зарур аст. Маълумоти ҳосилшударо вобаста аз эътимоднокии натиҷаҳо ба коркарди худкори унсурҳои матнӣ, аз қабили коркарди муродифҳои компютерӣ, санҷиши имло, синтези нутқ ва тарҷумаи мошинӣ интиқол додан мумкин аст.

Сохтори низомҳои иттилоотии муосир дар забони табиӣ аз миқдори зиёди унсурҳои матнӣ иборат буда, амсилаи консептуалии пойгоҳи донишро ташкил медиҳад. Барои ноил шудан ба сохтор ҳам ба амсилаи анъанавии забони табиӣ ва ҳам усулҳои муосири амсилаҳои матнии сохторӣ такя кардан зарур меояд. Дар зер амсилаи математикии сохтори иттилоотӣ оварда шудааст:

$$FM = \{LC, SW, SS, DS, GS, CS\} \quad (2)$$

дар ин ҷо,

LC – манбаи иттилооти матнӣ барои ташаккули захираҳои забонӣ;

SW – маҷмӯи вожаҳои аз LT сохташуда;

SS – маҷмӯи сохторҳои семантикӣ, ки SW-ро тавсиф мекунанд;

DS – маҷмӯи сохторҳои забонӣ, SS ба SW табдил ёфтааст;

GS – маҷмӯи ҳодисаҳои грамматикӣ, ки ба қоидаҳои грамматикии забони табиӣ асос ёфтааст;

CS - маҷмӯи сохторҳои рамз барои муаррифии DS тибқи GS.

Равандҳои ҷустуҷӯ, коркард, таҳлил ва дарки унсурҳои матнӣ пайдарпайии табдили иттилооти матниро амалӣ мекунанд WS→CS. Нақшаи таҳлили нисбатан дастраси амсилаи иттилоотии низоми TajLINGVO пешниҳод шудааст, ки дар он равандҳои коркарди иттилооти матнӣ тавассути нармафзор амалӣ карда мешаванд, расми 1.



Расми 1. Сохтори амсилаи иттилоотии TajLINGVO

Акнун функсияҳои дигареро, ки дар амсилаи иттилоотии низоми TajLINGVO истифода мешаванд, таҳлил менамоем:

P1 – эҷоди намунаҳои репрезентативӣ дар заминаи ҳуҷҷатҳои матнӣ (осори классикӣ ва муосир);

P2 – коркарди пешакии ҳуҷҷатҳои матнӣ барои таҳлили худкори забон; таклиф карда мешавад, ки дар натиҷаи муайян кардани мушкилоти омонимҳо бозгашт ба раванди P1 амалӣ шавад;

P3 - раванди интихоби маҷмӯи унсурҳои иттилооти матнӣ бо роҳи муайян кардани сохтори онҳо ва сабти он дар иттилооти матнӣ мебошад. Агар якчанд арзишҳои сохтори семантикии элементи матн пайдо шаванд, шумо метавонед ба амалиёти P2 баргардед;

P4 - раванди ташаккули сохтори унсурҳои матнӣ дар асоси қоидаҳои имлои забон; дар натиҷаи муайян кардани номувофиқатии сохторҳои муайяншуда бо қоидаҳои забони табиӣ бозгашт ба раванди P3 имконпазир аст;

P5 - раванди коркард ва идоракунии маълумот; дар натиҷаи муайян кардани тасвири рақамии номуайяни матн ба раванди P4 баргаштан мумкин аст;

S1 - сарчашмаҳои ҳуҷҷатҳои матнӣ;

S2 - махзани матн;

S3 - сохтори семантикии унсурҳои матнӣ тибқи қоидаҳои грамматикаи забони табиӣ;

S4 - маҷмӯи сохторҳои иттилоотӣ пас аз коркарди матн;

S5 - ин манбаи маълумот ва инъикоси рақамии унсури иттилооти матнӣ барои эҷоди пойгоҳи дониш аст.

Дар **боби дуюми** «Методикаи таҳлили компютерӣ ва синтези забони табиӣ» тавсифи усулҳои асосии коркарди иттилоот бо забони табиӣ, инчунин ҳаллу фасли масъалаҳои амсиласозии математикӣ ва усулҳои таҳлил ва синтези иттилоот дар забони тоҷикӣ баён шудааст.

Дар **фасли 2.1** масъалаҳои коркарди забони табиӣ баррасӣ шудаанд, вазифаҳои асосии таҳлили матн, низоми воситаҳои забонро муайян шудаанд, таҳияи сохтори хадамоти нутқ пешниҳод шудааст, васоити лингвистӣ ва

назарияи иттилоот таҳқиқ шуданд; қоидаҳои забоншиносӣ дар қисми сохтории матн вобаста ба забон, жанр ва ҳаҷми иттилооти матнӣ таҳлил карда шуданд. Истифодаи амалии усулҳои таҳлили матн, аз қабили усули графемавӣ, лексикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ ва семантикӣ асоснок карда шудааст. Таснифи васоит ва усулҳои коркарди худкори иттилоот дар шакли додаҳои матнӣ ичро шудааст.

Дар **фасли 2.2** бо мақсади омӯзиши масъалаҳои коркарди иттилооти матнӣ бо забони тоҷикӣ усулҳои математикии З.Д. Усмонов, инчунин усулҳои умумии сохтор ва рамзгузории унсурҳои матн, аз қабили сохтори ҳиҷоии вожаҳо, рамзгузории вожаҳо ва ҷумлаҳоро таҳия шуданд. Дар заминаи усулҳои математикии коркарди иттилоот қонуниятҳои омории баъзе унсурҳои матн: ҳиҷоҳо, вожаҳо, анаграммаҳо, ҷумлаҳо таҳқиқ шуданд. Бо мақсади амалӣ гардондани синтези нутқ бо забони тоҷикӣ таркибҳои ҳиҷоии вожаҳо ташаккул дода шудаанд. Дар ин қисми кор усулҳои математикии рамзгузории унсурҳои матнӣ барои ҳалли масъалаҳои тафтиши худкори имло, тарҷумаи мошинии матн ва синтези овозӣ бо забони тоҷикӣ муайян карда шудаанд.

Дар **фасли 2.3,** бо такя ба амсилаҳои математикӣ усулҳои тафтиши имло дар додаҳои матниро омӯхта шуданд, ки дар асоси онҳо ду намуди хатогиҳои имлоӣ: когнитивӣ ва чопӣ ба вуҷуд меоянд. Хатогиҳои когнитивӣ хатоҳое мебошанд, ки ҳангоми номаълум будани имлои дурусту саҳеҳи вожа ба вуҷуд меоянд. Дар ин ҳолат талаффузи нодурусти вожаи хаттӣ ба талаффузи дурусти вожа, масалан, “*кӯмак*” бар ивази “*кумак*” якхела ё шабоҳат дорад. Хатогиҳои чопии аз сабаби хатогиҳои маърифатӣ тавлидшуда тақрибан 80%-ро ташкил медиҳанд. Ҳангоми таҳлили хусусияти хатогиҳо метавон чор гурӯҳи нисбатан маъмулро тасниф кард. Масалан, барои вожаи “*истиқлол*” чунин шакл имконпазир аст: ворид кардани як ҳарфи иловагӣ: “*исстиклол*” (хатох1), партофтани як ҳарф: “*итиклол”* (хато х2), иваз кардани як ҳарф бо дигар: “*истиклол”* (хато х3), иваз кардани ду ҳарфи ҳамшафат: “*итсиқлол”* (хато х4).

Барои ичрои супориш оиди ислоҳи се намуди аввали хатогӣ дар вожа ҳангоми ворид кардани матн усули масофаи Левенштейн васеъ истифода мешавад. Бо истифода аз ин усул формулаи математикии ҳисоб кардани масофаи байни ду сатрро муайян мекунем: w1 - вожаи дуруст навишташудаи дарозии N ва w2 - вожа дар шакли нодурусти дарозии M, бо камтарин шумораи амалиёти воридсозӣ (x1), ҳазф (x2), ивази (x3) амалиёти як ҳарф. Он гоҳ масофаи таҳрир, яъне масофаи Левенштейн D(w1,w2) бо формулаи зерин D(w1,w2)=D(N,M) ҳисоб карда мешавад, ки дар он:

$$D(i,j) = f(x) = \begin{cases} 0, & i = 0, j = 0 \\ i, & j = 0, i > 0 \\ j, & i = 0, j > 0 \\ min\begin{Bmatrix} D(i,j-1)+1, \\ D(i-1,j)+1, \\ D(i-1,j-1)+m(w1[i],w2[j]) \end{Bmatrix}, & J > 0, i > 0 \end{cases} \quad (3)$$

ки дар он, қадам ба i - рамзи эҳтимолияти навиштани ҳарф бо хато аз вожа (x2), қадам ба j - ворид кардани як ҳарф ба вожа (x1), қадам аз рӯи ҳарду индекс рамзи иваз кардани як ҳарф дар як вожа бо дигар ҳарфи нодуруст (x3) мебошад.

Дар **фасли 2.4** алгоритмҳо ва усулҳои тарҷумаи мошинӣ дар асоси усулҳои тарҷумаи худкор муаррифӣ мешаванд, амсилаҳои тарҷумаи дуӣ (бинарӣ), тарҳсозии стратегии равиши байнизабонӣ, равиши оморӣ, таълими мошинӣ ва шабакаҳои нейрониро тавсиф шудаанд.

Алгоритми тарҷумаи мошинӣ ба қоида асосёфта. Равишҳои ибтидоии тарҷумаи мошинӣ ба қоидаҳои забоншиносӣ асос ёфтаанд, ки барои таҳлили ҷумлаи ибтидоӣ ва ба вуҷуд овардани пешниҳоди мобайнӣ дар забони мавриди ҳадаф истифода мешуданд. Усулҳои зикршуда барои тарҷумаи байни забонҳои аз оилаҳои забонҳои ба ҳам наздик тавассути луғат мувофиқанд.

Усули оморӣи тарҷумаи мошинӣ қоидаҳои анъанавии забонро истифода намебарад. Он асосан ду амсилаи имконпазир: амсилаи тарҷума ва амсилаи забониро истифода мекунад (расми 2.).



Расми 2. Алгоритми тарҷумаи мошинии оморӣ

Формулаи математикиро баррасӣ менамоем, ки эҳтимолияти шартии калонтарини P(t|s) тарҷумаи матни ибтидоӣ t-ро нисбат ба забони мавриди ҳадаф s муайян мекунад. Бо ифодаи s = s1, . . . , cj, . . . , унсурҳои sls дар матни ибтидоӣ бо дарозии ls ва натиҷаи тарҷума t = t1, . . . , ти, . . . , tltc дарозиаш lt, эҳтимолияти калонтарини таълим додани тарҷумаи мутаносиб бо истифода аз амсилаи зерини оморӣ тарҷумаи мошини математикӣ, тавре ки дар формулаи зер нишон дода шудааст, ба даст овардан мумкин аст:

$$t_{беҳт} = argmax_t\, P(t|s) = argmax_t\, P(s|t) \times P(t) \qquad (4)$$

ки дар он, P(s|t) - амсилаи тарҷума ва P(t) - амсилаи забон аст.

Тибқи формула эҳтимолияти интиқоли баръакси P(s|t)-ро ҳисоб кардан лозим аст. Дар ҳолати зиёд кардани ҷузъи амсилаи забон мо кафолати тарҷумаро бо назардошти ҳамаи қоидаҳои грамматикии забон ҳосил мекунем. Раванди ҷустуҷӯи тарҷумаи мазкури беҳтарин рамзкушоӣ номида мешавад ва онро ҷузъе иҷро мекунад, ки декодер ном дорад.

Тибқи амсилаи мо эҳтимолияти тарҷумаи баръакс p(s|t) ба вуҷуд меояд. Муҷтамеи усулҳои ҳисоб кардани он дар асоси корпуси дузабона таҳия шудааст. Ҳамчун унсурҳои корпус танҳо *вожаҳо* ё *ибораҳоро* дар ду забони мувозӣ истифода бурдан мумкин аст.

Амсилаи тарҷумае, ки ба лексика такя мекунад, барои аксари усулҳои муосири тарҷумаи мошинии оморӣ замина фароҳам меорад. Дар ин амсила баҳодиҳии баробаркунӣ бо истифода аз тақсимоти эҳтимолияти тарҷумаи лексикӣ P(ti|sai) амалӣ мешавад, ки тавассути ҳисоб кардани баробаркунии ҷуфтҳои вожаҳои мувофиқ дар корпуси таълимии дузабона муайян карда мешавад. Тариқи ҳисоби математикӣ, бо истифода аз формулаи тақзияи P(t,a|s), мо муодилаи зеринро ҳосил менамоем:

$$P(t,a|s) = \prod_{i=1}^{l_t} P(t_i|s_{ai}) P(a_i|a_{i-1}, i, l_t, l_s) \qquad (5)$$

ки дар он, *a* - вектори мавқеъҳои баробаркунӣ, *ai = j* барои вожаи *ti* дар *t*.

Амсилаҳои ба ибораҳо асосёфта ҳамчун унсурҳои нисбатан дарози тарҷума истифода мешаванд. Агар матни тарҷумашаванда аз як вожа зиёдтар бошад, ки инро ибора меноманд, амсилаи тарҷума иттилооти бештарро дар бораи мундариҷаи матн фаро мегирад, ки дар натиҷа вожаҳо аз вариантҳои мухталифи тарҷума нисбатан мувофиқ интихоб карда мешаванд. Ҳамзамон ибораи барои тарҷума пешниҳодшуда коркарди забонӣ надорад ва таҳлили дахлдор дар асоси қоидаҳои забон: морфология, синтаксис ва семантика гузаронида намешавад.

Агар матни ибтидоӣ s ба I-шумораи ибораҳо тақсим шавад, амсилаи тарҷумаи P(s|t) ба таври зерин ҳисоб карда мешавад:

$$P(s|t) = \prod_{i=1}^{I} \emptyset(s_i|t_i) d(a_i - b_{i-1} - 1) \qquad (6)$$

Амсиласозии забонӣ ҷузъи муҳими аксари вазифаҳои коркарди забони табиӣ мебошад. Дар алгоритми тарҷумаи мошинии оморӣ амсилаи забонӣ барои тавлиди тарҷума бо хусусиятҳои амсилаи логарифмӣ-хаттӣ масъул аст. Амсилаи забон дар заминаи корпуси як забон омӯхта мешавад, то ки эҳтимолияти пайдарпайии вожаҳоро арзёбӣ шавад. Усули нисбатан мувофиқ барои тавлиди амсилаи забонӣ n-грамма аст.

Амсилаҳои лингвистии n-грамма. Шартан, мо мавқеъгирии вектори мутаносиби тарҷумаи *a*-ро ҳамчун P(w1,...,wm), ки аз пайдарпайии вожаҳои w1,...,wm иборат аст, ишора мекунем. Эҳтимолияти мувофиқат бо истифода аз қоидаҳои пайванд ҳамчун ҳосилаи эҳтимолияти шартии ҳар як вожаи wi, тавре ки дар формулаи зерин нишон дода шудааст, ҳисоб карда мешавад.

$$P(w_1, \dots, w_m) = \prod_{i=1}^{m} P(w_i | w_1, \dots, w_{i-1}) \quad (7)$$

Баъдан, бо истифода аз занҷири Марков [8-А], пайдоиши тарҷумаҳои нави вожаҳои қаблиро метавон наздик ва бо n - 1 маҳдуд кард, тавре ки дар формулаи зерин нишон дода шудааст:

$$P(w_1, \dots, w_m) \approx \prod_{i=1}^{m} P\left(w_i | w_{i-(n-1)}, \dots, w_{i-1}\right) \quad (8)$$

Дар натиҷа мо амсилаи n-грамми тартиби n-ро ба даст меорем, ки он эҳтимолияти шартии вожаро бо назардошти n – 1 вожаҳои қаблӣ баҳо медиҳад. Агар қимати n=1 бошад, n-грамм униграмма номида мешавад, агар n=2 бошад, n-грамм диаграмма ва агар n=3 бошад, n-грамм триграмма номида мешавад. Эҳтимолияти шартии n-грамм бо истифода аз баҳодиҳии эҳтимолии шабоҳат тариқи ҷамъбасти шумораи басомад ба таври зерин ҳисоб карда мешавад:

$$P\left(w_i | w_{i-(n-1)}, \dots, w_{i-1}\right) = \frac{count(w_{i-(n-1)}, \dots, w_{i-1}, w_i))}{count(w_{i-(n-1)}, \dots, w_{i-1})} \quad (9)$$

Дар аксари мавридҳо ҳангоми баҳодиҳии амсилаи n-грамм дар тарҷумаи мошинӣ дарозии нисбии ибораҳои n-грамм ба се баробар аст, яъне барои омӯхтани амсила триграмма истифода мешавад.

Натиҷаҳои таҳқиқот тавассути таҳия ва воридкунии низоми тарҷумаи худкори матнҳо ба забони тоҷикӣ дар асоси амсилаи тарҷумаи мошинии дуӣ (бинарӣ) ба даст омаданд.

Барои ноил шудан ба ҳадафи зикршуда ҳалли вазифаҳои асосии зерин мусоидат мекунад:

- таҳияи амсилаҳо, усулҳо ва алгоритмҳои математикӣ дар заминаи методологияи тарҷумаи дуии (бинарии) мошинии забони тоҷикӣ;

-таҳияи сохтори мувозии мантиқӣ ва воқеии захираҳо, пеш аз ҳама «русӣ-тоҷикӣ» ва «англисӣ-тоҷикӣ» барои таъмини иттилоотии низоми тарҷумаи мошинӣ;

-муайян намудани алгоритмҳои самарабахши ҷустуҷӯ, интихоб ва ба навъҳо ҷудо кардани унсурҳои матнӣ бо забони тоҷикӣ ва роҳҳои татбиқи онҳо дар модулҳои барномавӣ барои коркарди мувозии захираҳо.

Дар **фасли 2.5** натиҷаҳои таҳқиқи усулҳо ва алгоритмҳо дар низомҳои синтези худкори нутқ пешниҳод шудаанд. Дар заминаи хусусияти ташаккули овози инсон ва вежагиҳои матн бо забони тоҷикӣ тавассути таҳлили абстрактии забонӣ симои рақамӣ бо назардошти сохторҳои унсурҳои матн ва усулҳои рамзгузории нутқ ба даст оварда шудааст.

Алгоритми усули синтези конкатенативии нутқ. Пайдарҳамии унсурҳои нутқ ба қисмати коркарди сигнал ворид мешавад, ки аз пойгоҳи додаҳои унсурҳои табиии нутқ татбиқи мувофиқи овозии унсурҳоро интихоб мекунад ва онҳоро ба сигнали бефосилаи нутқ муттаҳид мекунад (расми 3).



Расми 3. Алгоритми синтези нутқ дар асоси конкатенатсияи элементҳо

Таҳлили пешакии матн. Барои ҷудо кардани қисмҳои хурдтарини нутқ механизми истихроҷи рӯйхати унсурҳои матнӣ истифода мешавад. Унсурҳои нисбатан муҳими таҷзияи матн вожаҳо ва ҳиҷоҳо мебошанд. Барои таҳлили матн ду усули асосӣ: оморӣ ва луғат истифода мешаванд. Барои амсилаҳое, ки лар асоси луғат таҳия шудаанд, луғати қаблан муайяншуда бояд дастрас бошад. Ҳамзамон варианти алгоритми дорои мувофиқати калонтарин вобаста ба самти коркарди матн қайд карда мешавад. Варианти дуюми алгоритми луғат алгоритме мебошад, ки тақсимотро бо вожаҳои камтарин пайдо мекунад.

Барои амсилаҳои ба луғат асосёфта рӯйхати вожаҳо пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳар кадоме аз онҳо бо арзёбии эҳтимолияти он, ки ин вожаи воқеӣ аст, мувофиқат карда шудааст. Бигзор $W = \left\{\{w_i, g(w_i)\}_{i=1,\dots,n}\right\}$ рӯйхате бошад, ки номзад ба як вожа аст, инчунин вазифаҳои сифати онро дар бар мегирад. Калонтарин алгоритми мутобиқати мустақими матни T-ро барои тавлиди вожаи беҳтарини ҷорӣ чанд маротиба бо T=t* барои ҳар як марҳила метавон ба таври зерин муайян кард:

$\{w^*, t^*\} = argmax_{wt=T} g(w)$, ки дар он шарти {w,g(w)}εW гузошта мешавад.

Алгоритми таҷзияи роҳи кӯтоҳтарин он фарзияро истифода мебарад, ки таҷзияи дуруст бояд дарозии ҳама вожаҳоро ҳадди аксар афзоиш диҳад ё шумораи умумии вожаҳоро кам кунад. Барои як ҷумлаи S аз m рамз {c1,c2,…cm} - беҳтарин ҷумлаи ба қисмҳо тақсимшуда S* аз n* вожаҳо мебошад.

$$S^* = argmin_{w_1 \dots w_i \dots w_n = T}\ (n) \qquad (10)$$

Ин масъалаи мувозинат ба масъалаи ҷустуҷӯи роҳи кӯтоҳтарин барои графи бемарҳилаи самтдор табдил меёбад.

Интихоб ва пайвасти қисмҳои нутқ. Барои татбиқи марҳилаи мазкур додаи маълумоти унсурҳои забони табииро ташаккул додан зарур аст. Қисмҳои дар боло зикршуда, ки садоҳои нутқро ба вуҷуд меоранд, ба монанди вожаҳо, ҳиҷоҳо ё фонемаҳо дар шакли мазкур, якҷоя қисми садоиро ташкил медиҳанд. Бар замми самаранокии баланд амали худкор кафолат медиҳад, ки мувофиқати ҷойгиркунии сарҳадҳои ҷузъ дар доираи маънои он дар сигнали нутқ таъмин шавад.

Алгоритми таҷзияи худкор имкон медиҳад, ки амсилаҳои андозаи баробари вақт истифода шаванд. Ҳангоми ҳисоб кардани эҳтимолияти Pj, ки ҳолати ҷузъи qj ба мушоҳидаҳо дар лаҳзаи вақти ρ аз t − τ + 1 то t мувофиқат мекунад, ба формулаи зерин мутобиқ аст:

$$P_{j_{p+1}}(m,\tau) = \sum_{l \in L_m} P_{j_p}(l,\tau) b_{j_l}(O_{p+1}) \quad t - \tau + 1 \le p < t \qquad (11)$$

ки дар ин ҷо,

t - мавқеи ҷорӣ дар рӯйхати додашуда,

τ - дарозии ҷузъи эҳтимолӣ,

ρ – индекси вақт, ки дар рекурсияи матни дохилӣ истифода мешавад. bji(Oρ+1) эҳтимолияти он аст, ки мушоҳидаи O дар лаҳзаи вақти ρ + 1 тавассути тақсимоти l-уми амсилаи j-унсурдор ба вуҷуд меояд. Ба ибораи дигар, Pjp+1(m, τ) - ин эҳтимолияти он аст, ки векторҳои мушоҳидаи Ot-τ+1,...,Ot аз тақсимоти 1,..., M, яъне пойгоҳи додаҳои унсурҳо ба вуҷуд меоянд.

Барои ҳалли масъалаи синтези нутқ механизми нисбатан мутавозин таҳқиқ карда шуд, ки аз маҷмӯи марҳилаҳо: таҳлили пешакии матн; интихоб ва пайвасткунии ҷузъҳои нутқи табиии забон аз пойгоҳи додаҳо дар асоси алгоритми худкори таҷзия; тағйир додани қиматҳои ченакҳои фонетикӣ ва просодикии нутқи сунъӣ бо истифода аз амсилаи синусоидалии синтези нутқ иборат аст. Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқотро бевосита дар тарҳрезӣ ва татбиқи механизми синтези нутқ дар забони тоҷикӣ истифода кардан мумкин аст, ки дар боби шашуми рисола муфассал тавсиф дода шудааст.

Дар **боби сеюм** «Амсиласозии ба объект нигаронидашудаи низомҳои коркарди матни забони табиӣ» амсиласозии компютерии таҳияи низомҳои коркарди худкори иттилоот бо забони табиӣ бо назардошти равиши ба объект нигаронидашуда баррасӣ карда шудааст. Дар асоси маҷмӯи диаграммаҳои забони UML тарҳи намунавии низоми иттилоотии коркарди маълумоти матнӣ бо забони тоҷикӣ бо назардошти амсилаи амал, амали мутақобила, сохтор ва воқеият таҳия карда шуд.

Дар **фасли 3.1** воситаҳои муосири амсиласозии равандҳо тавсиф шудааст. Асоси методологии амсиласозии низомҳои иттилоотӣ муайян ва таҳлили намудани робитаи умумии байниҳамдигарии объектҳои ба ҳам алоқаманд, инчунин ноил шудан ба ҳадафҳои умумӣ аз ҷониби ҳамаи гурӯҳҳои корӣ

мебошад. Архитектураи ҳамгироишудаи КХМ тавассути маҷмӯи технологияҳои иттилоотӣ, равандҳо, алгоритмҳо, муҳтамеи усулҳои коркарди матн, воситаҳо, интерфейсҳо ва маҷмӯи равандҳо амалӣ карда мешавад. Амсилаи пешниҳодшуда ба сифати муаррифии рақамии забони тоҷикӣ мебошад.

Дар шароити муосир барои амсиласозии нармафзор ва низомҳои иттилоотӣ усулҳои меъёрӣ ва забонҳои амсиласозии функсионалӣ, аз қабили IDEF, DFD, UML истифода мешаванд. Дар заминаи диаграммаи синфии низоми TajLINGVO сохтори омории муайян кардани объектҳои умумии низоми иттилоотӣ ва робитаҳои мантиқии онҳо ба роҳ монда шуд. Ғайр аз ин, ҳодисаҳои эҳтимолии пайдо шудани унсури матн ҳангоми коркард мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд (расми 4.).



Расми 4. Диаграммаи синфҳои низоми TajLINGVO

Дар **фаслҳои 3.2-3.5** усулҳои амсиласозии рафтор, таъсири мутақобила ва амсилаи консептуалии низоми коркарди худкори иттилоот пешниҳод мешаванд, ки бо таҳияи диаграммаи забони UML алоқаманд аст. Амалҳои асосие, ки низоми иттилоотӣ иҷро мекунад: ташаккули маҷмӯавии унсурҳои матн, идоракунии равандҳои коркарди иттилоот, коркарди худкори маълумоти матнӣ, синтези нутқ, коркарди тезаурус, санҷиши имло ва тарҷумаи мошинӣ муайян карда шуданд.

Дар **фасли 3.5** амсилаи физикии низоми иттилоотӣ бо мақсади ҷамъбасти имкониятҳои татбиқии нармафзор ва воситаҳои техникӣ муайян карда шудааст. Робитаҳои мантиқӣ байни сохтори омории низоми иттилоотӣ, ҷузъҳои нармафзор ва воҳидҳои воситаҳои техникӣ дар рафти татбиқи низоми иттилоотӣ муқаррар карда шудаанд.

Дар маҷмӯъ амсилаи компютерии низоми иттилоотии намунавии коркарди иттилооти матнӣ бо забони тоҷикӣ бо назардошти амсилаи рафтор, таъсири мутақобила, сохтори оморӣ ва васоити физикӣ таҳия гардид.

Дар **боби чорум** «Тарҳрезӣ, таҳия ва татбиқи санҷиши худкори имлои забони тоҷикӣ» масоили тарҳрезӣ, коркард ва татбиқи низоми худкори санҷиши имлои матни забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт.

Дар **фаслҳои 4.1-4.3** натиҷаҳои тадқиқот ва татбиқи луғатҳои электронӣ, тезауруси компютерии забони тоҷикӣ ва низоми худкори табдил додани ҳуруф дар матн ба ҳуруфи стандартии забони тоҷикӣ пешниҳод шудаанд.

Дар асоси амсилаҳо ва усулҳои математикӣ барои ҳалли масъалаи дарёфт ва ислоҳи хатоҳои имлоӣ дар иттилооти матнӣ дар забони тоҷикӣ алгоритмҳои зерин таҳия шудаанд:

- алгоритми транслитератсияи матн ба алифбои меъёрӣ;
- алгоритми дарёфт кардани хатогиҳои имлоӣ;
- алгоритми ислоҳи хатогиҳо;
- алгоритми санҷиши имло.

Дар **фасли 4.4** алгоритми санҷиши имлои забони тоҷикӣ бо имконияти дарёфт кардани хатоҳои имлоӣ ва ислоҳи онҳо пешниҳод шудааст. Тартиби тафтиш ба се шарт такя мекунад: дар вожа як ҳарф гум шудааст, ду ҳарфи шафат ҷои худро дар вожа иваз кардаанд ва дар вожа ҳарфи изофӣ мавҷуд аст.

Агар яке аз се шарти зикршуда дарёфт ва ислоҳ карда шавад (шарт W=S[I]), он гоҳ мо вожаро дар рӯйхати вожаҳои эҳтимол дуруст C[J] нигоҳ медорем. Рӯйхати натиҷаҳоро бо тартиби афзоиши басомади пайдоиши онҳо мураттаб мекунем.

Ҳафт унсури аввалро аз рӯйхати вожаҳои дуруст хориҷ мекунем. Агар тартиби тафтиш то охири рӯйхат S[I] бо вожаи W мувофиқ нашавад, он гоҳ муайян карда мешавад, ки “вожаи мувофиқ ёфт нашуд”.

Тибқи алгоритми пешниҳодшуда вожаи хато бо ҳар як вожаи луғат муқоиса карда мешавад. Усули асосии ба алгоритм мутобиқшуда аз он иборат аст, ки рӯйхати қаблан ташаккулдодашудаи вожаҳо S[1...i] метавонад ба рӯйхати вожаҳои ҷамъбастӣ C[1..j] табдил дода шавад. Ниҳоят, раванд маънои вожаи дилхоҳро, ки корбар метавонад онро интихоб кунад, бармегардонад. Тартиби тафтиш аз ҷониби хэш-амал иҷро мешавад, ки захираи луғатро, яъне хэш-ҷадвалро коркард мекунад.

Дар фасли 4.5. дар заминаи натиҷаҳои ҳосилшуда тавсифи модули TajSpell бо имконияти ислоҳи матни тоҷикӣ, санҷиши имло, гузариш аз сатр ба сатр ва тезауруси забони тоҷикӣ оварда шудааст. Ҳамин тариқ, матнҳои тоҷикиро дар бастаи замимаҳои MS Office, дар рамзгузории меъёри UNICODE тафтиш кардан мумкин аст (расми 5.).



Расми 5. Санҷиши имлои TajSpell дар MS Word

Модули TajSpell дар барномаҳои Microsoft Office ҳуруфи забони тоҷикиро пурра дастгирӣ мекунад ва дар асоси мубодила бо модули санҷиши имло дар рамзбандии UNICODE амалӣ мешавад.

Дар **боби панҷуми** «Тарҳрезӣ, таҳия ва ворид намудани тарҷумони худкори тоҷикӣ» тавсифи тарҳрезӣ, таҳия ва ворид намудани тарҷумони худкори тоҷикӣ оварда шудааст.

Дар **фасли 5.1** натиҷаҳои таҳқиқи мушкилоти тарҷумаи матнҳо аз забонҳои гуногун ба забони тоҷикӣ ва баръакс дар бар гирифта, инчунин мушкилоти тарҷумаи матни адабӣ ва вобастагии он аз тарҷумаи мошинӣ дар заминаи технологияи Google муайян карда шудаанд.

Дар **фаслҳои 5.2-5.4** масъалаҳои таҳияи низоми худкор, алгоритмҳои транслитератсияи худкори ҳуруф, татбиқи усули тарҷумаи оморӣ ва сохтори мантиқии тарҷумаи мошинӣ дар намунаи забони тоҷикӣ баррасӣ шуданд.

Дар **фасли 5.5** мутаносибан тавсифи низоми иттилоотӣ барои тарҷумаи мошинии матн аз забони тоҷикӣ ба русӣ ва англисӣ оварда шудааст. Ҳалли ин вазифа ба ду манбаи маълумот асос меёбад - корпуси мувозии Taj-Rus-Corp и Taj-Eng-Corp. Дар марҳилаи якум шумораи умумии унсурҳои захиравӣ ба таври зерин муайян карда мешавад:

- тоҷикӣ-русӣ – 42000, аз ҷумла зиёда аз 27 000 вожа;
- русӣ-тоҷикӣ – 68 000, аз ҷумла захираи луғавӣ беш аз 54 000;
- англисӣ-тоҷикӣ – 12 000, аз ҷумла захираи луғавӣ беш аз 5 000;
- тоҷикӣ-англисӣ – 24 000, аз ҷумла зиёда аз 11 000 вожа.

